# ХУЛОСАИ

**Комиссияи экспертии Шурои диссертационии 6D.КОА-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Исмоилзода Маъруф Искандар дар мавзуи «Сиёсишавии дин ва хусусиятҳои муҳими он дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ - фалсафӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ)**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои фалсафа Ҷононов С. (раиси комиссия), доктори илмҳои фалсафа Комилов Р.С. (аъзо) ва доктори илмҳои фалсафа Зиёев И.Д. (аъзо) диссертатсияи Исмоилзода Маъруф Искандар дар мавзуи «Сиёсишавии дин ва хусусиятҳои муҳими он дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ – фалсафӣ», ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ пешниҳод шудааст, мавриди ташхис қарор дода, муайян намуд, ки:

1. Диссертатсия ба яке аз мавзуъҳои мубрами замони муосир бахшида шуда, бо назардошти тамоюлоти манфии замони муосир, ки дар марҳилаи кунунии давлатдорӣ хавфу хатари зиёдро эҷод менамояд, анҷом ёфтааст. Масъалаи дар диссертатсия баррасишуда аҳамияти зиёди назариявию амалӣ дорад. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар заминаи омӯзиши адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои зиёди иттилоотӣ омилҳои гуногуни пайдоиши сиёсишавии динро таҳқиқ намуда, хавфу хатари онро ба амнияти миллӣ ва суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додааст. Ташхиси диссертатсия нишон дод, ки дар таҳқиқоти мазкур мубрамияти мавзуъ дар сатҳи зарурӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф, пеш аз ҳама, омилҳои дохилию беруна ва объективию субъективии ташаккулёбии сиёсишавии динро таҳқиқ намуда, ба омилҳои субъективӣ ва беруна таваҷҷуҳи бештар додааст. Дар чунин шакл таҳқиқ намудани масъала ба ӯ имкон додааст, ки таъсири омилҳои берунаи субъективиро ҳамчун заминаи асосии ташаккулёбии сиёсишавии дин ва таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллии кишвар муайян намояд. Дар таҳқиқоти мазкур сиёсишавии дин дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, алоқамандии он бо ҷанги шаҳрвандии кишвар, дар заминаи он пайдоиши

ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароию террористӣ нишон дода шудаанд. Дар чунин шақл таҳлилу баррасӣ намудани сиёсишавии дин ба ӯ имкон додааст, ки мубрамияти мавзуи худро дар сатҳи зарурӣ асоснок намояд.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи барои ташхис пешниҳодшуда тибқи талаботи пешниҳоднамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Дар муқаддимаи диссертатсия ҳамаи бандҳои пешбинишуда мавҷуданд. Тавсифи умумии таҳқиқот низ аз рӯйи талабот таҳия шудааст. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда бо мазмуну муҳтавои диссертатсия мувофиқат менамоянд. Сохтори диссертатсия, аз ҷумла зербобҳои таҳқикот бо риояи пай дар пайии мантиқӣ таҳия гардидааст. Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардидаанд. Методҳои илмии истифоданамудаи муаллиф бо ихтисоси илмии диссертатсия мувофиқат менамоянд. Бо назардошти гуфтаҳои боло хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи мазкур кори мукаммал ва анҷомёфта мебошад.

3. Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсияи барои ташхис пешниҳодшуда бо шиносномаи ихтисоси илмии 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.02.2022, №38 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст, мувофиқ мебошад. Дар шиносномаи ихтисоси илмии мазкур «муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамчун масъалаи таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ» ва «инсон ва ҷомеа» барои таҳқиқ пешбинӣ шудаанд. Дар диссертатсия мазкур сиёсишавии дин ҳамчун навъи муносибати ҷамъиятӣ таҳқик гардидааст.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида

шудаанд, инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дарачаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ менамояд.

5. Дар диссертатсияи Имоилзода Маъруф Искандар истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё сарчашма мавҷуд набуда, ҳамаи манбаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровaрда шудаанд, ки мувофиқ ба меъёрҳои муқarrаргардида нисбат ба корҳои илмӣ ва аз риоя шудани банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва ҳуҷҷатҳои дигари пешниҳоднамудаи довталаб маълумоти ғайрисаҳҳеҳ ба назар намерасад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси талаботи банди 61-и «Низомномаи шурои диссертатсионӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Исмоилзода Маъруф Искандар дар мавзуи «Сиёсишавии дин ва хусусиятҳои муҳими он дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ – фалсафӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ, ки ба Шурои диссертационии 6D.КОА-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия мутахассисони зерин таъин карда шаванд:

– Қаҳҳоров Ғаюр Ғафурович – доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– Абилзода Гуландом Сардор – номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3.Пешниҳод карда мешавад, ки оид ба диссертатсияи Исмоилзода Маъруф Искандар ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур таъйин карда шавад.

4.Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5.Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
Доктори илмҳои фалсафа, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Ҷононов С.

Аъзои комиссия:
Доктори илмҳои фалсафа, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Комилов Р.С.

Доктори илмҳои фалсафа, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Зиёев И.Ғ.

12.04.2023